**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 012**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати**
**Тоҷикистон (734061,Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2 )**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои наклиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнати як раванди мунтазам ва даврӣ буда, яке аз самтҳои муҳими фаъолияти корхонаи муосир мебошад. Корхонаҳо мунтазам инкишоф меёбанд, муҳити бозории онҳо тағйир меёбад, дар назди тамоми корхона ва зерсохторҳои алоҳида вазифаҳои нав гузошта мешавад. Пеш аз ҳама барои роҳбар муҳим аст, ки бо проблемаҳои зерин дучор меояд: мутобиқ намудани мақсадҳои шахсии корманд, мақсадҳои шуъбаҳо ва роҳбарияти олӣ, ҳалли проблемаҳои ҷойивазкунии кадрҳо ва хеле кам кардани хароҷоти ҷустуҷӯ, интихоб ва мутобиқ намудани кадрҳо, нигоҳ доштани кадрҳои баландихтисос. Чунин система аз як тараф коргаронро ба кори пурсамар водор мекунад, аз тарафи дигар ин система бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок бошад.

Масъалаҳои ҳавасмандгардонӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ва рушди кормандон дар ширкат ҳамеша муҳим буданд ва боқӣ мемонанд. Аҳамияти проблемаҳои ҳавасмандгардонӣ ва такмили кадрҳоро на илм ва на амалия баҳс намекунад, зеро ҳам баланд шудани фаъолияти ҷамъиятию эҷодии кадрҳо ва ҳам натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхонаҳо ба инкишофи возеҳи системаи самарабахши ҳавасмандгардонӣ вобаста аст.

Дар айни замон ба масъалаи ҳавасмандгардонӣ ва ба камол расондани кадрҳо эътибор надода, муваффақият ба даст овардан мумкин нест. Такмили

механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ ҳамеша хароҷоти калонро талаб мекунад, аммо таъсири он бешубҳа хеле назаррас аст. Чунки маҳз кадрҳо захираи асосии ҳар як корхона мебошад. Албатта, самаранокии кормандон натиҷаи фаъолияти корхонаро муайян мекунад. Бозгашти калонтаринро танҳо дар сурате ба даст овардан мумкин аст, ки агар ҳам корхона аз фаъолияти коргар ва ҳам корманд аз кори корхона манфиат гиранд. Аз ин рӯ, корхона барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин бояд ангезаҳоеро пайдо кунад, ки ҳар як коркунро ба фаъолияти меҳнатии ӯ барангезад ва барои ӯ чунин шароит фароҳам оварад, ки ӯ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳам тавонад ва ҳам иҷро карда тавонад.

Муҳиммияти мавзуи интихобшуда аз он иборат аст, ки ҳавасмандии кормандон омили асосии фаъолияти муваффақонаи ҳар як ташкилот мебошад. Системаи самараноки ҳавасмандгардонӣ ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, беҳтар кардани сифати кори кормандон, коҳиш додани ивазшавии кормандон ва баланд бардоштани сатҳи қаноатмандии кормандон мусоидат мекунад. Дар айни замон ҳавасмандгардонии кадрҳо яке аз проблемаҳои муҳимтарини корхона мебошад. Шароити муосири бозор аз корхонаҳо талаб мекунад, ки усулҳои ҳавасмандгардонии кормандонро пайваста такмил диҳанд, то мутахассисони баландихтисосро ҷалб ва нигоҳ доранд. Дар баробари ин, такмили системаи ҳавасмандгардонӣ муносибати ҳамаҷониба ва таҳлили доимии натиҷаҳоро тақозо мекунад, то тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ба талабот ва интизориҳои тағйирёбандаи кадрҳо мутобиқ карда шаванд.

**Дараҷаи асоснокии мукаррароти илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.**

Натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои муаллиф бо далелҳо асоснок карда шуда, ба заминаи воқеии назариявӣ такя намуда, ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он мувофиқ карда шудаанд. Рисолаи Ҳусензода Анвар Раҳмонкул бо дараҷаи баланди асосноккунии пешниҳодҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии худ, ки ба равиши системавӣ, ҳамаҷониба ва байнисоҳаҳо асос ёфтааст, фарқ мекунад. Дар кор принсипҳои назарияи иқтисодӣ, сиёсати

иҷтимоӣ ва таҳлили институтсионалӣ, инчунин натиҷаҳои тадқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, таҳлили эмпирикӣ, маълумотҳои оморӣ, ҳисоботи байналмилалӣ ва тадқиқоти сотсиологӣ ба назар гирифта шудаанд.

**Саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд**, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуқтаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Аз муҳтавои дисертатсия бармеояд, ки муаллиф дар таҳия ва омода намудани навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муваффақияти назаррас ноил гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он аст, ки андешаҳои муаллиф, фаҳмишҳои илмии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатиро мукаммал гардонида, барои таҳқиқи минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кард. Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд барои коркарди тадбирҳои давлатӣ истифода шаванд, ки ба танзими ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, ҳамчунин ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ва маводҳои методӣ аз фанҳои зерин истифода шавад: иқтисодиёти корхона, назарияи иқтисодӣ ва ғайра.

Раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки он хусусияти илмиву амалӣ дошта, навовариҳои зеринро дар бар гирифтааст (саҳ. 8-9):

– ҷанбаҳои назариявии моҳият ва мафҳуми ҳавасмандгардонии меҳнат дар асоси тасниф, инчунин асосҳои методии ҳавасмандгардонии кормандон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, ки аҳамияти иҷтимоию иқтисодии онҳоро дар рушди муносибатҳои бозорӣ инъикос мекунанд, бо назардошти ҷузъҳои асосии татбиқи меҳнат ва арзёбии мураккабии он дар корхонаҳои амалкунанда нишон дода шудаанд.

- таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат омухта шуда, дар асоси ин такмил додани системаи музди меҳнат ва ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои наклиёти автомобилӣ бо такя ба корнамоиҳои мукаммалтар аз графики тарифӣ бо назардошти имкониятҳои истифодабарии захираҳои молиявие, ки аз дифференсиатсияи музди меҳнат бармеоянд, пешниҳод карда шудаанд.

– таҳлили ҳолати механизмҳои татбиқшавандаи пардохт ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои наклиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, монеаҳо муайян ва роҳҳои бартараф кардани онҳо дар шароити нав мушаххас карда шуданд.

– дар асоси таҳлил арзёбии музди меҳнати корхонаҳои наклиёти автомобилӣ гузаронида шуда, механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунӣ дар асоси арзёбии омилҳое, ки таъсири онҳо ба сатҳи ҳавасмандгардонӣ дар шароити рақобат таъсири назаррас доранд, такмил дода шудааст.

- шарти муҳимтарин ҳангоми мукаммалгардонии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои наклиёти автомобилӣ ба назар гирифтани муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои наклиёти автомобилӣ ба ҳисоб меравад, ки он бо назардошти талаботи муосир ба хизматрасониҳои наклиётӣ ва пардохти музди меҳнати ронандагон аниқ карда шудааст.

- самтҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии меҳнат ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани он дар корхонаҳо дар асоси мукаммалгардонии пардохти музди меҳнатӣ кормандони корхонаҳои наклиёти автомобилӣ бо истифодаи низоми грейдҳо пешниҳод шудааст.

Ҳамин тариқ, маҷмуи муқаррароти пешниҳодшуда аз саҳми назарраси муаллиф дар таҳияи андешаҳои илмӣ оид ба такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ шаҳодат медиҳад, ки сатҳи баланди навгонии таҳқиқоти гузаронидашударо тасдиқ мекунад.

Ҳамин тариқ, дараҷаи навгонии натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда чунин арзёбӣ карда мешавад:

- ҷанбаҳои назариявию методӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, нуқтаи назари муаллиф оид ба моҳияту мафҳуми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ таҳия шудааст.

- таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар соҳаҳои иқтисодиёт дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ омӯхта шуда, бартарияти истифодаи он баҳо дода шудааст;

- таҳлили вазъи кунунӣ ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шуда, арзёбӣ намудани низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ сурат гирифтааст;

- арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ гузаронида шудааст;

- муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ таҳқиқ карда шудааст;

- самтҳои асосии ҳавасмандгардонии меҳнат ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани он дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мукаммалгардонии пардохти музди меҳнатӣ кормандон дар асоси истифодаи низоми грейдҳо таҳия карда шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати сарчашмаҳои иттилоот ва адабиёт таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 199 саҳифа, рӯйхати адабиёт аз 178 номгӯй иборат мебошад. Рисолаи илмӣ аз 39 ҷадвал, 6 расм иборат аст. Ҳар як боби диссертатсия аз ҷиҳати мантиқӣ алоқаманд буда, дар онҳо ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқот – аз асосҳои назариявӣ ва методологӣ то таҳлил вазъи муосири рушди бозори меҳнат ва самтҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти

меҳнатӣ дар корхонаҳои автомобилӣ ифшо карда шудааст. Албатта, чунин сохтор ифшои муназзами мавзуъ ва гузариши пайваста аз дарки назариявии мушкилот ба хулосаҳои амалӣ ва нишон додани роҳҳои ҳалли мушкилотро таъмин мекунад.

**Қисми асосии диссертатсия**

Дар бахши **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи интихобшудаи таҳқиқот асоснок карда шуда, аҳамияти он дар заминаи масъалаҳои муосири илмӣ ва амалӣ таъкид шудааст. Ҳамчунин дастовардҳои асосӣ дар соҳаи омӯзиши масъала, бо ҷудо намудани дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон дода шудаанд. Мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян карда шудаанд, ки ба дақиқтар тавсиф кардани соҳаи таҳқиқот мусоидат мекунад. Тавсифи асосии диссертатсия, аз ҷумла шарҳи методология, сохтор ва муҳтавои он оварда шудааст, ки дар бораи сохтор ва аҳамияти таҳқиқот тасаввуроти умумӣ медиҳад.

**Дар боби якум** (саҳ. 14-58) паҳлуҳои назариявию методии ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, хусусиятҳои хоси фаъолияти меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, ҳамзамон таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муносибатҳои бозорӣ баррасӣ карда шудааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар тӯли асрҳо усулҳои гуногуни таъсиррасонӣ бо назардошти сиёсати самаранок истифода мешуданд. Моҳияту мазмуни ин усулҳо дар ду чиз ё низом сурат мегирифт: усули маҷбуркунӣ ва усули меҳрубонӣ. Дар ҳамон давру замон усули маъмуриро «тозиёна» (сахтгирӣ ё сиёсату маҷбурсозӣ) ва ҳавасмандкуниро «кулчақанд» (инъому мукофот ва меҳрубонӣ) меномиданд, аммо таҷрибаи зиндаги нишон дод, ки ин усул на ҳама вақт коргаронро ба меҳнати сермаҳсул водор мекунад (саҳ.14). Аз ин рӯ, мутахассисони соҳаи менеҷмент ба ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли масъалаи ҳавасмандкунӣ бо истифодаи усулҳои психологӣ шурӯъ карданд. Вобаста ба ин, ӯ равишҳои асосии омӯзиши назарияҳои

ҳавасмандгардонии иттилоотӣ ва мурофиавии фаъолияти меҳнатӣ (Вилям Петти,Ҷон Стюарт Милл,) баррасӣ кардааст (саҳ.15-17).

Дар натиҷаи таҳлили назарияҳои ҳавасмандгардонии иттилоотӣ ва мурофиавии фаъолияти меҳнати муаллиф ба хулосае меояд, ки ҳарчанд назарияҳои иттилоотӣ ва мурофиавии ҳавасмандкунӣ аз рӯйи як қатор масъалаҳо аз ҳамдигар фарқ кунанд ҳам, аммо онҳо якдигарро истисно намекунанд. Ташаккули назарияҳои ҳавасмандкунӣ табиати таҳаввулотӣ доранд. Онҳо дар ҳалли масъалаҳои рӯзмарра ба меҳнати пурсамар ҳавасманд гардонидани одамон бомуваффақият истифода карда мешаванд (саҳ.17).

Муаллиф тафсирҳои дар адабиёти илмӣ овардашударо оид ба таърифи ҳавасмандгардонии меҳнатӣ ҷамъбаст намуда, онро аз нигоҳи худ чунин муайян кардааст: ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ ин пеш аз ҳама қонеъгардонии эҳтиёҷот, ризоият, муносибати самимӣ ва дилгармӣ ба кору пешаи интихобкарда ба ҳисоб меравад. Бо ибораи дигар, ҳавасмандгардонӣ маҷмӯи тадбирҳое мебошанд, ки субъекти идоракунӣ барои баланд бардоштани самаранокии кори коркунони нақлиёт татбиқ менамояд (саҳ.20).

Муаллиф дар рисола таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва имконияти истифодабарии онро дар шароити Тоҷикистон таҳлил намудааст, аз он ҷумла моделҳои ҳавасмандии меҳнатӣ Ҷопон, ИМА, Фаронса, Олмон, Шветсия, Россия ва дигар кишварҳо.

**Дар боби дуюми диссертатсия –«Таҳлил ва рушди механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ» (саҳ.59-106)** вазъи муосир ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили низоми мавҷудаи ҳавасмандкунии фаъолияти меҳнати дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, инчунин арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки аз нигоҳи таҳлили гузаронидашуда дар муҳити имрӯза арзёбии бо мақсад мувофиқи бозори меҳнат масъалаи рӯзмара,

мубоҳисавии илмӣ буда таъмини устувории он дар оянда муҳим мебошад. Бо назардошти ин муаллиф аз таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2023 (саҳ.59-60) сар карда, инкишофи бозори меҳнатро ва динамикаи тағйироти онро дар пайдарҳамӣ нишон додааст.

Таҳлили низомҳои ҳавасмандгардониро дар муассисаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо иштироки бевоситаи кормандон ва ҳам бо роҳи таҳлили нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтисодӣ бо истифода аз ҳуҷҷатҳои корхонаҳо гузаронидан имконпазир аст.

Яке аз омилҳои муҳими муайянкунандаи муносибати одам ба меҳнат ва натиҷаҳои он ҳавасмандгардонии моддӣ мебошад.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар раванди арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ зарур аст, ки пеш аз ҳама тамоюли тағйирёбии даромад, хароҷотҳо ва фонди музди меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ таҳлил карда шавад.Чунин таҳлил дар таҷрибаи КВД “Автобус-1”, КВД “Автобус-2”, КВД “Автобус-3” ва КВД “Троллейбус” дар солҳои 2017-2022 гузаронида шудааст (саҳ.93-95).

Ҳамин тариқ, ҳавасмандии моддӣ маҷмӯи намудҳои гуногуни неъматҳои моддӣ мебошад, ки кормандон барои саҳми инфиродӣ ё гурӯҳӣ ба натиҷаҳои фаъолияти ташкилот мегиранд. Дар системаи ҳавасмандгардонии моддии меҳнат роли марказӣ ба музди меҳнат тааллуқ дорад. Он манбаи асосии даромади аксарияти кулли коргарон боқӣ мемонад, вале пардохтҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷубронпулӣ усули ҳавасмандгардонии моддӣ аз ин кам нестанд.

**Дар боби сеюми таҳқиқоти илмӣ –«Самтҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ» (саҳ.107-154)** муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, мукаммалгардонии истифодаи низоми грейдҳо ва

пардохти музди меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, самтҳои афзалиятноки механизми ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ таҳия, асоснок ва пешниҳод шудаанд.

Дар диссертатсия таъкид карда шудааст, ки яке аз сабабҳое маъмултарини ҳавасмандгардонии субъект дар доираи омилҳои муайянкунандаи рафтор эҳсоси эҳтиёҷ (ниёз) ва мотиватсияи шахсӣ ба ҳисоб меравад (саҳ.108). Бо ин мақсад муаллиф дар ҷадвали 3.1.тафсирҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ ва таркиби онҳоро шарҳ додааст.

Муаллиф дар кор тадбирҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти корхонаи нақлиёти автомобилиро таҳия ва асоснок кардааст (саҳ.121.Ҷадвали 3.3.).

Андешаи муаллиф оид ба ҷорӣ намудани низоми баҳогузори (грейдерӣ) ҷолиби диққат аст. Ба андешаи муаллиф грейдҳо, гурӯҳҳои вазифаҳое мебошанд, ки барои ташкилот арзиши якхела доранд ва як маоши якхела мегиранд. Як грейд метавонад кормандони вазифаҳои гуногун ва шӯъбаҳои гуногунро дар бар гирад. Ширкат метавонад ҳама гуна дараҷаҳо дошта бошад. Бартарии асосии ин усул системаи шаффофи пардохти музди меҳнат ва ҷуброни одилонаи кор аст (саҳ.124).

Аз тарафи муаллиф дар корхонаи воҳиди давлатии «Автобус-2» баъди ҷорӣ намудани низоми грейдерӣ музди миёнаи меҳнат муайян гардидааст(саҳ.132-134). Аз рӯи натиҷаҳо пешниҳод шудаст зарурияти аз нав дида баромадани фонди музди меҳнат дар самти афзоиш муҳим мебошад.

Муаллиф методологияи ҳисобкунии самаранокии иҷтимоию иқтисодии системаи ҳавасмандкунӣ дар корхонаи нақлиёти автомобилӣ пешниҳод намудааст( саҳ.152-153.Ҷадвали 3.10)

Дар маҷмӯъ, баҳодиҳии самаранокии иҷтимоию иқтисодии системаи ҳавасмандгардонӣ дар корхонаи нақлиёти автомобилӣ имконият медиҳад, ки беҳдошти фаъолияти кори корхона ва саривақт қонеъ гардонидани талабот ба хизматрасонии нақлиётиро ба даст оварда шавад ва ҳавасмандгардонӣ ҳамчун механизми асосии қонеъ гардонидани талабот ба хизматрасонии нақлиёти

гардад ва барои беҳдошти сатҳу сифати зиндагонии аҳолии Тоҷикистон гардад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии кори илмӣ таҳқиқотӣ ҷамъбаст гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда асоснок буда, бо таҳлили муназзами назариявии манбаъҳои зиёд, таҷрибаи байналмилалӣ ва амалияи танзими давлатии бозори меҳнат ва равандҳои муҳоҷират, маълумоти омори расмии давлатӣ, инчунин таҳқиқоти худи муаллиф тасдиқ карда шудаанд. Хулосаҳои таҳиягардида фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқотӣ омода карда шудаанд. Алоқаи байниҳамдигарии муқаррароти назариявӣ ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот якпорчагии мантиқии дохилии диссертатсияро таъмин намуда, эътимоднокии роҳҳои пениҳодкардаи муаллифро барои ҳалли масъалаҳои пайдошуда нишон медиҳад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар коркарди услуби арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии меҳнати корманд ва муайян кардани меъёрҳои тарифӣ дар якҷоягӣ бо миқёси музди меҳнат мебошад, ки афзоиши ҳавасмандии самаранокии меҳнатро вобаста ба имкониятҳои молиявии корхонаи мушаххаси хизматрасонии нақлиётӣ таъмин менамояд.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои ба дастомадаи таҳқиқотро барои такмил додани равандҳои идоракунии музди меҳнат, ҳавасмандгардонии коргарон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, бо тағйиротҳои зарурӣ дар корхонаҳои соҳаҳои дигари иқтисод, ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти амиқ оид ба ин масъала метавон истифода бурд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.** Диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 –

Иқтисодиёти меҳнат  ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад:1.Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7.Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии тарафайни он бо тахассуси корманд ва натиҷанокии истеҳсолот; функсияҳои такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8.Бамеъёрдарорӣ, ташкил ва гуманизатсияи  меҳнат, махсусияти он барои соҳаҳои мухталифи фаъолият ва категорияҳои кормандон; 9.Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, маҳак, усулҳои ченкунӣ, омилҳо ва захираҳои баландшавӣ, барномаҳои идоракунии ҳосилнокӣ; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф, аз қабили интихоби мавзӯъ, асоснокӣ, аҳаммият, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот гузаронида шудааст. Муаллиф дар таҳия ва омӯзиши муқаррароти назариявӣ-методии такмили механизми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоштааст. Инчунин иштироки шахсии муаллиф дар гирифтани натиҷаҳои диссертатсия дида мешавад.

**Тасдиқ ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмии кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, конфронсҳои байналмилалии илмию амалӣ инчунин, дар конфронсҳои илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ ва фосилавии олимони ҷавони Тоҷикистон (2019-2025) баррасӣ гардидааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар амалияи корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуданд. Муқаррароти назариявӣ-методии тадқиқоти диссертатсионӣ дар раванди

таълимии кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, дастурҳо ва матнҳои лексияҳои «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат», «Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ» истифода бурда мешаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии тадқиқот ва тавсияҳои амалӣ дар мақолаҳо чоп карда шудаанд. Дар асоси маводи диссертатсионӣ муаллиф 10 нашрияи илмиро бо ҳаҷми умумии 3,5 ҷузъи чопӣ аз ҷумла 4 мақоларо дар маҷаллаҳои таҳлилии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр кардааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия мутобиқ ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) омода гардида, муқаддима ва бахшҳои он мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар ҷиҳатҳои муҳими диссертатсияро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

**Зимни баҳодиҳии мусбат ба сатҳи назариявӣ-методӣ ва дараҷаи навоварии илмии рисолаи анҷомдода, зикри баъзе муқаррарот, эродҳо ва пешниҳодҳои баҳсбарангез бамаврид аст:**

1. Дар матни диссертатсия баъзан тарзҳои гуногуни истифодаи истилоҳот дида мешавад (масалан, баъзан тақозо ва арзаи қувваи корӣ, дар ҳолатҳои дигар – талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ истифода шудаанд). Ягонакунии корбурди истилоҳот ҷиддияти академии таҳқиқотро зиёд мекунад.

2. Баъзе ҷадвалҳо (ҷадвали 2.24 дар саҳ. 93-95, ҷадвали 2.26 дар саҳ. 100-104) бо маълумоти зиёди ададӣ ва матнӣ пур карда шудаанд, ки дарк кардани иттилоотро душвор мегардонад; онҳоро бештар аёнӣ кардан мумкин буд.

3. Хулоса ва тавсияҳо тибқи "Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия" тартиб дода шавад. Дар банди 20-уми дастурамали мазкур омадааст, ки "Дар ҳар як банди хулоса истинод ба мақолаҳои довталаби дараҷаи илмӣ оварда шавад".

4. Хуб мешуд, агар муаллиф дар кор барои арзёбии ҳолати муосири бозори меҳнат матритсаи SWOT – ро истифода мебурд.

5. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар масъалаи танзими шуғли ғайри расмӣ мавриди таҳлил қарор мегирифт.

6. Муаллиф дар боби 1.3. таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон ва имконияти истифодабарии онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил кардааст, лекин дақиқан нишон дода нашудааст, ки таҷрибаи кадом давлат барои мо қабул аст.

7. Дар матн баъзе хатоҳои техникӣ, орфографӣ ва башаклдарорӣ мавҷуд аст (мувофиқ набудани ҳуруф дар сарлавҳаҳо, фарқиятҳо дар формати библиографӣ).

Камбуди ва норасогиҳое, ки дар боло қайд шудаанд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд, муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаҳои омӯзиши сарчашмаҳои иқтисодӣ, адабиётҳои соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани тадқиқоти илмӣ мебошад.

**Хулоса.** Диссертатсияи тақризшаванда дар сатҳи зарурӣ омода гардида, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида мебошад. Автореферати диссертатсия тибқи талабот таҳия шуда, мақсад ва муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос мекунад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли

корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод гардидааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бандҳои 32, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақами 295 аз 26 июни соли 2023) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат** сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ, сарходими илмии**
**шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**АМИТ, д.и.и.** **Ҷонмамадов Ш. Б.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон 734024,**
**Душанбе, кучаи Айнӣ, 44 Телефон:**
**+(992)934 43 04 05 Почтаи электронӣ:**
**shermamad@bk.ru**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ**
**Ҷонмамадова Ш.Б.- ро тасдиқ мекунам**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо Институти**
**иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** **Аюби Ф.**

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН • ИНСТИТУТ ЭКОНОМИКИ И ДЕМОГРАФИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА • ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

**17.09.2025.**